# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи унвонҷӯ Раҳимова Наргис Қаҳоровна дар мавзуи "Нақши тарҷума ва хусусиятҳои он дар эҷодиёти Фарзона" диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Таърихи тамаддуни башар гувоҳ бар он аст, ки адабиёти ягон қавму миллат танҳо дар доираи муҳити адабиву фарҳангии он халқ маҳдуд намонда, дар масири рушду ташаккули худ пайваста дар доду ситади адабиву фарҳангӣ бо адабиёти халқҳои дигар қарор доштааст. Бинобар ин, ҳар як фарҳангу адаби миллӣ баробари истифодаи суннатҳои дохилӣ дар робита бо адабиёти миллатҳои дигар ва корбурди арзишҳои адабӣ, ғоявӣ ва эстетикии онҳо марҳалаҳои инкишоф ва камоли худро паймудааст. Аз он ки яке аз вазифаҳои муҳими адабиётшиносии муосир таҳқиқи ҳамаҷонибаи робитаҳо бо адабиёти халқҳои дигар аст, тарҷума дар ташаккул ва таҳаввули равобити фарҳангӣ ва адабии миёни халқҳои гуногун яке аз воситаҳои муҳим ва куҳан маҳсуб меёбад.

Рисолаи номзадии Раҳимова Наргис Қаҳоровна ба таҳқиқу баррасии вежагиҳои тарҷума дар эҷодиёти Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона (Иноят Хоҷаева) бахшида шуда, маҳорату истеъдоди баланди тарҷумонии эшон нишон дода шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар адабиётшиносии тоҷик мавзуи нав ва ниҳоят муҳим ба ҳисоб меравад. Мақсади аслии рисола таҳқиқ ва таҳлили тарҷумаҳои Фарзона аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ ва дар навбати худ тарҷумаи ашъори ӯ аз забони тоҷикӣ ба забонҳои дигари дунё мебошад. Аз ин рӯ самти таҳқиқ фарогири ду бахш аст: 1. фаъолияти тарҷумонии Фарзона. 2. тарҷумаҳои ашъори Фарзона ба забонҳои хориҷӣ (русӣ, белорусӣ, ӯзбекӣ, қазоқӣ, туркманӣ, қирғизӣ, англисӣ, олмонӣ, испанӣ, арабӣ, ҳиндӣ, туркӣ). Натиҷаи ҷустуҷуву пажӯҳишоти муаллифи рисола ба мундариҷаи илмии мувофиқ бар ин шакл корбаст гардидааст. Бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик тарҷумаи шеъри русӣ ба тоҷикӣ ва тоҷикӣ ба русӣ дар заминаи эҷодиёти Фарзона дар шакли рисола мавриди баррасӣ қарор ёфтааст.

Аз мутолиаи диссертатсия ва муқоисаи шаклу мундариҷаи он маълум мегардад, ки диссертант ба мавзуъ ворид буда, талаботи таҳқиқ – доварии холисонаву мунсифонаи тарҷумаҳои манзумро хуб медонад, аз шеваҳои таҳлили поэтикии матни асл ва тарҷума огоҳӣ дорад, назарияи тарҷумашиносиро бар асоси нишондоди сарчашмаҳои илмии ин соҳаи адабиётшиносӣ дар амал татбиқ карда метавонад. Ин ҳама донишу огоҳӣ ва малакаҳои тозаҳосилшуда бар унвонҷӯ шароити мусоидро дар таълифи диссертатсия фароҳам сохта, вайро ба муваффақият овардааст.

Дар рисолаи Раҳимова Наргис Қаҳоровна "Нақши тарҷума ва хусусиятҳои он дар эҷодиёти Фарзона" тарҷума ҳамчун воситаи инкишофи адабиёти бадеӣ, таърихи тарҷума ва нақши он дар рушди равобити адабӣ бар асоси сарчашмаҳои илмӣ аз даҳ-дувоздаҳ асри таърихи тарҷума дар адабиёти форсии тоҷикӣ маълумоти таърихиву адабии мустанад оварда шудааст.

Диссертант фаъолияти тарҷумонии Фарзона ва нақши тарҷумаро бо муаррифии ашъори ӯ  дар асоси шеърҳои тарҷумашудаи шоира ба забони русӣ, ки аз тарафи Татяна Смертина дар Москва (1990), ба хатти форсӣ баргардоншавии маҷмӯаҳои "Паёми ниёгон" (1996), "Сӯзи нотамом" (2005), "Набзи борон" (2013), "Маро, эй шеър, тармими дигар кун" (2014) дар Эрону Амрико, ба забонҳои русиву англисӣ тарҷумашавӣ дар Алмаато (2008), ба забони англисӣ тарҷумашавӣ дар Лондон (2008), ба забони белорусӣ дар Минск (2009, 2013), ба забони олмонӣ тарҷумашавӣ дар Берлин (2014), ба ӯзбекӣ тарҷумашавӣ дар Хуҷанд (2007, 2017), ба забони арабӣ тарҷумашавӣ дар Риёз (2019) пардохта, бо овардани намунаҳо аз матни асл ва матни тарҷума ҳаракати кӯчиши мундариҷаи шеър ва ҳунари суханварии шоираро ҳангоми баргардониш нишон додааст.

Истеъдоди тарҷумонии Фарзона ва тарҷумаи ашъори адибони рус дар тарҷумаи ашъори Александр Пушкин хосатан бар асоси тарҷумаи шеъри "Подражание Корану"//"Иқтидо ба Қуръон", тарҷумаи ашъори Фёдор Тютчев ва Сергей Есенин, тарҷумаи ашъори Анна Ахматова, ашъори Александр Блок, Марина Светаева бо таҳлили муқоисавии матни асл ва тарҷума собит месозад, ки нубуғи ҳунарии Фарзона зимни тарҷума тавассути калимаороиву таъбирсозиҳои нодир дар эҷодиёти шоирони рус ба зуҳур меояд. Раҳимова Н.Қ. зимни таҳлилу баррасӣ ба натиҷае мерасад, ки мутарҷим ҳиссиёту руҳияи ботинии шоирон Александр Блок ва Марина Светаеваро ҳангоми тарҷума ҳамвора ба инобат гирифта, зимнан ба боз ҳам

зеботар ҷилва додани мазмунҳои иҷтимоиву фалсафии ашъору афкори онҳо тавонистааст ноил гардад.

Тарҷумаи осори адибони Ғарб дар эҷодиёти Фарзона дар бораи тарҷумаи ашъори шоирону мутафаккирони олмонӣ Иоҳан Гуте (аз тарҷумаи русии В.Левик), Ҳенрих Ҳейне (аз тарҷумаи русии А.Толстой), шоири романтики англис Ҷорҷ Байрон (аз тарҷумаи русии Я.Рулёва), нависандаи маъруфи фаронсавӣ Антуан де Экзюпери (аз тарҷумаи русӣ) ба қалами Фарзона баҳс меравад. Барои муайян кардани ҷойгоҳи баланди мутарҷим ва ҳунари тарҷумонӣ диссертант ашъори Гутеро дар тарҷумаҳои Лоиқ Шералӣ ва Фарзона оварда, онҳоро муқоиса мекунад. Аз нисф зиёди ин фасл ба масъалаи тарҷумаи асари насрии А.Экзюпери "Молитва"//"Ниёиш" нигаронида шуда, тавоноии мутарҷим дар тарҷумаи наср аз тарафи унвонҷӯ нишон дода мешавад. Ҳамчунин, аз тарҷумаҳои нисбатан тозатари мутарҷим "Сонатаҳои муҳаббат"-и шоири англис Вилям Шекспир (аз тарҷумаи русии С.Маршак; соли 2018) ва "Фоҷиаи форсҳо"-и драматурги Юнони бостон – Эсхил (соли 2022) маълумоти фишурда дода, аз вусъатёбиву густариши доираи тарҷумаҳои Фарзона паём мерасонад.

Намунаи ҳойкуҳои ҷопонӣ дар тарҷумаи Фарзона бозгӯйи он аст, ки шоира Фарзона 90 мисраъ, яъне 30 намуна ҳойкуи ҷопониро бар асоси тарҷумаи русии мутарҷимон Делюсина Соколова ва Вера Маркова ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст. Шоир-мутарҷим дар ин тарҷумаҳо тавонистааст хусусияти ин назми ҷопониро ҳифз карда, муҳтавои ҳойкуҳои тарҷумашударо ба забони тоҷикӣ интиқол диҳад. Ба ақидаи диссертант дар миёни жанрҳои адабии тоҷикӣ набудани чунин жанри шеърӣ барои мутарҷими тавоное чун Фарзона монеа нашудааст.

Тарҷумаи ашъори Абай Кунанбоев бар асоси асари тарҷумавии "Нигоҳе ба зиндагӣ ва осори Абай – бунёдгузори адабиёти навини қазоқ", ки ба қалами шоир-мутарҷим Фарзона соли 1995 дар Теҳрон чоп шудааст, нигориш ёфтааст. Ашъори шоири қазоқро мутарҷим аз тарҷумаҳои русии мансуб ба қалами Д.Бродский, Ю.Кузнетсов, Ю.Нейман, В.Рождетсвенский, С.И.Липкин, М.Дудин ба тоҷикӣ гардонида, дар ҷараёни тарҷума кӯшидааст, ки хусусияти милливу этникии ашъору афкори асосгузори адабиёти қазоқро ҳифз намояд ва онро пешкаши форсизабонони олам гардонад.

Забон, услуб ва тарзи баёни диссертатсия мувофиқи меъёрҳои рисолаҳои ин намуди кор омода шудааст. Вежагиҳои забонии осори тарҷумаи Фарзона нахустин маротиба дар диссертатсия мавриди

бахрабардорӣ қарор дода шуда, бо ҷамъбасту хулосаҳои мудаллал ва эътимодбахш корбаст шудааст. Дар хулосаи кор муқаррароти асосии таҳқиқот баён гардида, таъкид шудааст, ки ин асар дар оянда барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои муҳими адабиётшиносии тоҷик хизмат хоҳад кард.

Хулоса, кори илмии Раҳимова Наргис Қаҳоровна «Нақши тарҷума ва хусусиятҳои он дар эҷодиёти Фарзона» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. - Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01. - Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ:
Ӯлмасова Замирахон Ҳабибуллоевна
доктори илми филология, мудири кафедраи
адабиёти муосири тоҷики факултети
филологияи тоҷики
Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б.Ғафуров»

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, хиёбони
Исмоили Сомонӣ 199
Тел: +(992) 92 7714470
E-mail: zamira_ulmasova @mail.ru

Имзои Ӯлмасова З.Ҳ. -ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” Наврузов Э.М.
Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1
тел:+(992) 117070700
E-mail: ddhkadr@mail.ru

25.10.2022